# ТАҚРИЗ

**доир ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таълифнамудаи Қамчибекова Гулнора Эшоновна дар мавзӯи: “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” аз рӯи ихтисоси 6D.КОА-002 - 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Қамчибекова Гулнора Эшоновна соли 2012 факултаи фалсафаи Донишгоҳи милли Тоҷикистонро бо ихтисоси психологияи хатм намудааст. Зимни тадқиқотҳои худ ба таҳқиқи яке аз мавзуҳои мубрами давраи муосир “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” машғул гардида, дар тӯли зиёда аз 5 сол ба омӯзиши маърифати педагогӣ - психологии волидон бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавӣ машғул шудааст.

Диссертатсияи таълифнамудаи Қамчибекова Г.Э. аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаи умумӣ, адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар мукаддима мақсад ва фарзияи кор ва дар ин замина вазифаҳои асосии муҳаққиқ, методологияву методҳои пажӯҳиш, навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳимияти назариявии диссертатсия мушаххасан баррасӣ гардида, ниҳоят аҳамияти амалӣ ва мавридҳои муаррифии натиҷаҳои бадастомада аз он таъқид гардидааст.

Дар боби якум оид ба асосҳои назариявии маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар боби дуюм масъалаҳои истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ шудааст. Дар боби сеюм кори таҷрибавӣ-экспериментали бо волидон дар

асоси тадбиқи технологияи нави маърифати психологӣ – педагогии волидон муҳақиқ тадқиқот бурдааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯза баланд бардоштани маърифати педагогӣ – психологии волидон ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки волидону омӯзгорон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бетарафу бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Вобаста ба мавзуъ аз тарафи диссертант барои ошкор намудани маърифати педагогӣ - психологии волидон бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш  таҳқиқот гӯзаронида шудааст, ки натиҷаҳои он дар рӯзнома ва маҷалаҳои тақризшаванда ба табъ расонидааст.

Дар давраи таҳия ва омода намудани диссертатсия барои дифоъ Қамчибекова Гулнора Эшоновна ҳаҷми назарраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботу ҳадафмандӣ, сатҳи баланди қобилият ба кор ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ, дар конфронсҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа ва дар маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Ҳамзамон 13 мақолаю фишурдаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда, нашр гардидааст.

Диссертатсия кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами илм ва амалияи психологӣ-педагогии муҳимро дар бар мегирад ва ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯӣ мебошад ва барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
педагогии ДМТ Юнусова Нафисахон Муродовна

28 майи 2024с.

**Маълумот барои тамос:** 734025.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.(992) 3722-21-77-11. E-mail: tgnu@mail.ti. веб.сайт: www.tnu.tj.

Имзои профессор Н.М. Юнусоваро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ Э. Тавқиев